# КОРРУПСИЯ БОВАРИИ ҶАВОНОНРО АЗ ДАВЛАТ ДУР МЕСОЗАД?

Дар айёми хурдсолӣ аз забони як шахсе шунида будам, ки дар давлате, ки коррупсия вуҷуд дошта бошад, пояи он давлат доимо заиф аст. Пас аз шунидани ин сухан ман дар шигифт афтодам ва доимо ин мафҳум дар вирди забонам буд.

Доимо ин масъала маро азият медиҳад, ки ин чизест, ки мустаҳкамии пояи давлатро заиф мекунад? Охир дар давлат ниҳоду сохторҳои зиёде вуҷуд доранд, шояд дар иттифоқ тавонанд, ки ин зуҳуроти номатлубро решакан кунанд, то ки давлат рушд кунад ва пойдор бимонад. Вакте ки камол ёфтам, дарк кардам, ки коррупсия чун моризиест, ки муайян карданаш аз ҷониби пизишкон осон аст, аммо табобаташ номумкин. Имрӯз давлате нест, ки аз ин дарди бедармон ором бошад. Дар ҷаҳони имрӯза яке аз мушкилоте, ки бевосита касро ба дурӯғуӣ мебарад ва ҳуқуқи озодиҳои инсонро холалдор мекунад, ин коррупсия мебошад. Коррупсия ҳамчун омили зишт рушди умумидавлатӣ, болоравии иқтисодиёт ва некӯаҳволии иҷтимоиро боз медорад ва бовариро аз давлат дур месозад, умедро ба оянда аз ҷавонон кашида мегирад.

Бояд қайд кард, ки коррупсия таърихи пайдоиши хеле қадима дорад. Он баробари пайдо шудани давлат низ пайдо шудааст. Ба андешаи бисёре аз олимон нишонаҳои аввалинро дар бораи коррупсия дар бойгониҳои Бобулистони қадим дучор омадан мумкин аст. Бояд гуфт, ки динҳои ҷаҳони низ дар бобати коррупсия бетараф набуда, онро дар ҳар давру замон маҳкум мекунанд. Масалан, Паёмбари ислом Муҳаммад (с) дар як ҳадиси худ қайд кардааст, ки: «Ришвагиранда ришвадиҳанда ва миёнарав ҳар се миёни оташи дузаханд».

Дар ҷаҳони имрӯза коррупсия мафҳумҳои зиёдеро ба худ дорад, ки аз ҳама серистеъмолтаринаш коррупсия суистифода мебошад. Қайд кардан зарур аст, ки коррупсия як навъ кирдори зидди ҳуқуқи буда, аз дигар кирдорҳо бо он фарқ мекунад, ки он танҳо аз ҷониби баъзе шахсони мансабдор ба вуқуъ меояд. Роҳбарони корхонаҳои инфиродӣ ва оилави субъектҳои коррупсия маҳсуб намешаванд ва дар ин корхонаҳо маҳдудиятҳои хидмати якҷояи хешовандон паҳн намешаванд. Боиси нигаронист, ки имрӯз Тоҷикистони ҷавони мо низ аз ин кирдоре, ки комилан зидди ҳуқуқҳои инсон аст, орӣ нест. Агар воқеиятро гап занем, имрӯз соҳае нест, ки дар он коррупсия ҷой надошта бошад.

Аз рӯи самтҳои фаъолияти худ коррупсия ба шаклҳои зерин ҷудо мешавад. Дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, дар соҳаи андоз ва гумрук, дар сохторҳои низомӣ, дар соҳаи тандурустӣ, дар соҳаи маориф, дар соҳаи кишоварзӣ ва ғайра.

Коррупсия ҳамчун падидаи таърихӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ дорои сабабҳои зиёду гуногунҷабҳа мебошад. Яке аз сабабҳои асосии коррупсия омезиши давлат ба иқтисодиёт мебошад, ки он аз таърихи қадими кишвар сарчашма гирифта, дар солҳои ҳокимияти Шӯравӣ боз ҳам бештар доман паҳн кард. Бояд гуфт, ки имконияти

дахолати давлат ба равандҳои иқтисодӣ ҳама вақт барои фоидабинии шахсӣ аз ваколатҳои мансабӣ (маъмури) шароит фароҳам меорад. Яке аз сабабҳои дигари коррупсия ин номукамалии қонунгузорӣ мебошад, яъне ҷой доштани нуқсон дар қонунгузорӣ, аз қабили дар баъзе қонунҳо ва санадҳои зерқонуни мавҷуд будани дариҷаҳо ва меъёрҳои барои коррупсия шароити иловагӣ фароҳам оваранда.

Аз нигоҳи банда сабаби дигари коррупсия ин роҳ ёфтани шахсони тасоддуфи дар мақомотҳои давлатӣ мебошад. Яяъне сатҳи дониши ин гуна шахсон паст буда, маърифти ҳуқуқиашон коста ва ҳисси меҳру муҳаббат нисбат ба Ватан-Модар дар ниҳодашон ҷой надорад. Пас суоле ба вуҷуд меояд, ки инҳо чӣ тавр соҳиби мансаб мешаванд? Албата тавассути додани пора, ё ин ки тавассути миёнаравҳо соҳиби мансабҳои давлатӣ мегарданд, инчунин сатҳи нокифояи таъминоти моддии хизматчиёни давлатӣ  ва ҳамчунин суст будани  назорати  давлатӣ ва ҷамъиятӣ аз болои онҳо. Дигар ин ки аз ҳад зиёд будани салоҳияти шахсони мансабдор низ ба паҳншавии коррупсия мусоидат мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри пешгири ва мубориза алайҳи коррупсия  мақомоти  Прокуратура  ва Агентии Назорати Молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ фаъолият доранд. Лозим ба ёдоварист, ки бояд пеш аз ҳама  мақомотҳои  мазкур дар фаъолияти  худ дасту дилу нияти пок дошта, адолат ва ҳақиқатро  пеша намуда, кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки  худ ба саҳлангори роҳ надиҳанд ва боварии мардумро ба давлат, мақомотҳои давлатӣ ва хулоса умедро ба оянда кашида нагиранд.

Хулоса, рисолати ҷонии мост, ки доимо дар ҳаёти воқеии худ алайҳи коррупсия мубориза барем, то ки аз ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии худ бенасиб намонем. Пас моро лозим аст, ки дар сурати мушоҳида кардани амалҳои коррупсиони фавран ба мақомотҳои дахлдор хабар расонем. Таъмини амнияти моро мақомотҳои мазкур кафолат додаанд, ҳамчунин дар қонуни ҶТ дар бораи мубориза бар зидди коррупсия дар моддаи 6-и он омадааст.

Кафолати дахлнопазирии шахсоне, ки ба мубориза бар зидди коррупсия мусоидат менамоянд, таъмин карда мешавад. Бигзор доимо дар ҳаёти воқеии худ аз коррупсия  дур бошем ва баҳри решакан кардани он мубориза барем.

**Фарҳод Асламов,**
**донишҷӯйи курси**
**1-уми факултети ҳуқуқшиносӣ**